«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои таърих, профессор
Абдуллозода А.И. ____________
«22» ____11____ соли 2022

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, географияи табиӣ, геоэкология ва методикаи таълимии география ва сайёҳии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

оид ба мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ - географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ - географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси № 2 аз 11.11.2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Ҳақназаров Умарали Нуралиевич соли 2008 ба факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дохил гардида, соли 2012 онро аз рӯи ихтисоси "География - демография" хатм намуда, худи ҳамон сол ҳуҷҷатҳояшро дар шуъбаи магистратураи ДДОТ ба номи С. Айнӣ супорида соли 2014 онро аз рӯи ихтисоси "Геоитилоотӣ" хатм намудааст. Баъд аз хати магистратура соли 2015 ба шуъбаи докторантураи ДДОТ ба номи С. Айнӣ бо ихтисоси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, дар самти "6D060901 География аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ" дохил шуда

онро мувофиқи фармони №395 – ОД, аз санаи 03.08.2018 хатм намудааст. Ҳамзамон аз соли 2018 то соли 2020 ба сифати ассистенти кафедраи кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ фаъолиятро шӯру намуда, аз соли 2020 то ин ҷониб ба ҳаиси муаллими калони кафедраи номбаршуда фаолият дорад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Ҳақназаров Умарали Нуралиевич докторанти кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳисоб мерафт.

Маълумотномаи академӣ (транскрипт) оид ба имтиҳонҳои фанҳои таълимӣ санаи 13.12.2021 таҳти № 2 дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**: Ҷӯраев Алишер Ҷӯраевич, номзади илмҳои иқтисод, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

***Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.*** Пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз сабабҳои асосии тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид, ки он ба сатҳи зиндагӣ, даромад, хароҷоти аҳолӣ, таносуби бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ таъсири назаррас расонид. Шароити рақобати шадиди иқтисоди бозоргонӣ ва афзоиши босуръати аҳолӣ, вазъи бекорӣ, нарасидани ҷойҳои корӣ, дараҷаи пасти музди меҳнат ва дигар омилҳо боиси коҳиш ёфтани сатҳи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунмарзии аҳолӣ гардид. Аз тарафи дигар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои самарабахши беҳтар намудани дараҷаи таъминоти моддии аҳолӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар худ самтҳои ба кор шомил шудани аҳолиро таҷассум намуда, самти ҳаракати аҳолии қобили меҳнатро дар байни ҳудудҳои географӣ (ноҳия, вилоят, мамлакат, қитъа ва ғ.) бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ муаян менамояд. Аз тарафи дигар оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хоҳ мусбӣ ё манфӣ ҳамеша хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Дар робита ба ин масъала зарурияти омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба бозори меҳнат муҳим аст. Агар дар шароити кунунӣ муҳоҷирати меҳнатӣ амалӣ нагардад, он метавонад Тоҷикистонро ба мушкилиҳои зиёд рӯбарӯ гардонад. Яъне ҳангоми маҳдуд кардани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ он метавонад боиси зиёд гардидани шумораи бекорон, кам шудани даромади аҳолӣ ва таназзул ёфтани иқтисодиёти мамлакат шавад, аз ҷониби дигар, вазъи иқтисодии мамлакат имконияти пурраи истифодаи захираҳои меҳнатии мавҷударо надорад. Ҳаминтавр, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар паст намудани шиддати бозори меҳнат ва нигоҳдории сатҳи иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Бинобар омӯзиши раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои самарабахши он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи самараноки он аз муҳим будани омӯзиши ин масъала дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, муҳиммияти мушкилоти зикршуда, тафовути ҳудудӣ дар сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва вазъи иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ноустувории бозори меҳнат, номуайянии омори муътамад яке аз сабабҳои асосии объекти таҳқиқот интихоб намудани муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби мавзуи таҳқиқотии рисолаи илмӣ гардид.

***Навгонии илмии таҳқиқот*** дар он ифода меёбад, ки пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, пешниҳод

ва хулосаҳои дар рисола дарҷшуда, ба такмили танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун омили муайянкунандаи рушди иқтисодӣ, сатҳи зиндагонии аҳолӣ, вазъи бозори меҳнат дар минтақаҳои ҷумҳурӣ равона гардидаанд. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудааст, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд:

1. Дар асоси ақидаи олимони варзидаи соҳаи география ва иқтисодиёт назария, методологияи таҳқиқот ва хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои мамлакат таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

2. Омилҳои иқтисодӣ-географӣ, сабаб ва намудҳои муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси онҳо ошкор карда шудаанд.

3. Ҷанбаҳои мусбат ва оқибатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ арзёбӣ шудаанд.

4. Проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, омилҳое, ки ба такмил ва омода кардани кадрҳои соҳибтахассус ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ мусоидат мекунанд муайян карда шудаанд.

5. Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ бо дарназардошти таъсири онҳо ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, тавсияҳо ҷиҳати дурнамо ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

***Мақсади таҳқиқот*** муайян намудани омил ва хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ мебошад.

***Вазифаҳои таҳқиқот.*** Бо мақсади расидан ба ҳадафи гузошташуда ҳали вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- омӯхтани фикру ақидаи олимони соҳаи география ва иқтисодиёт оид ба назария, методологияи таҳқиқот ва таърихи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани омилҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ, сабаб ва хусусиятҳои он дар Тоҷикистон;
- арзёбӣ намудани ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати меҳнатӣ;
- таҳлили масъалаҳои кунунии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян кардани омилҳое, ки ба такмил, омода кардани кадрҳои соҳибтахассус ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ мусоидат мекунанд;
- таҳқиқи хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ бо дарназардошти таъсири онҳо ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон;
- коркарди тавсияҳо ҷиҳати дурнамо ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, қонуниятҳо ва омилҳои ҷобаҷогузории захираҳои меҳнатӣ ва таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ва 3 мақола дар нашриҳои дигар бо забонҳо тоҷикӣ ва русӣ ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи географияи иктисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федеретсияи Руси ва дигар маҷаллаву маҷмӯаҳо ба табъ расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсия ва маҷалаҳои зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳод гардидаанд:

- Вестник Таджикского национального университета (серия социально-экономических и общественных наук) № 2/4. стр. 103-107, – маърӯза дар мавзуи «Теория и методология трудовой миграции». – Душанбе, 2017.
- Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №2 ISSN 2076- 2569, маърӯза дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз омилҳои асосии таъмини захираҳои меҳнатӣ». – Душанбе, 2018, с.
- Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №1.(1) ISSN (2219-5408) – маърӯза дар мавзуи «Афзоиши аҳолӣ ва баъзе масъалаҳои демографии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2018, с.62-67.
- Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №1.(1) ISSN (2219-5408) маърӯза дар мавзуи «Назария ва методологияи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумцурии Тоҷикистон» Душанбе, 2018, с.67-71.
- Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (10-умуи ноябри соли 2018) дар мавзуи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Проблемы развития выездного туризма в Таджикистане». Душанбе.10.11.2018;

- Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «НБО-и Роғун кафолати истиклолияти энергетикии Тоҷикистон» маърӯза дар мавзуи «Сиёсати шуғл ва кафолати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 27.03.2019;

- Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба "Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" инчунин 80 солагии профессори кафедраи географияи иктисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзӯи "Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" – маърӯза дар мавзуи «Ба шуғл фарогирию паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе 2021.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳкикоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, маколаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, мазмуни диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Ҳамзамон, аз тарафи муаллифи диссертатсия бо макола ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани самаранок истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва самтҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардидааст.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иктисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳкрии Тоҷикистон» таҳкикоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иктисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтакаҳои Ҷумҳкрии Тоҷикистон» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи

илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси илмҳои география 6D060901 Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-058 тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, географияи табиӣ, геоэкология ва методикаи таълими география ва сайёҳии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, географияи табиӣ, геоэкология ва методикаи таълими география ва сайёҳии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ таъйиноти декани факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 11 ноябри соли 2022, таҳти № 7 аз 11- ноябри соли 2022.

**Раиси ма*ҷлиси муштарак:***
номзади илмҳои география, дотсент *Қаландаров А.А.*

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои география, дотсент **Имомов А.А.**

**Муқаррizi холис:**
номзади илмҳои география,
дотсети кафедраи географияи
иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети
географияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. **Табаруков М.И.**

дотсенти кафедраи методикаи
таълими география ва сайёҳии
факултети географияи ДДОТ
ба номи С. Айнӣ. **Собиров М.С.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
Садори РК ва КМ ДДОТ ба номи С. Айнӣ **Мустафозода А.**
«22» 11 2022 с.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе, х. Рудаки 121, www.tgpu.tj;
E-mail: info@tgpu.tj, тел: +992 (37) 224 13 83.